**ХУЛОСАИ**

**комиссияи экспертии шурои диссертатсионии 6D.КОА-021-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон оид ба диссертатсияи Шайдуллои Ҳоҷӣ дар мавзуи «Таҳлили сохторӣ ва маънои истилоҳоти интернетӣ» (дар асоси маводҳои забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ) барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯи ихтисоси 10.02.20 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ**

Диссертатсияи номзадии Шайдуллои Ҳоҷӣ дар мавзуи «Таҳлили сохторӣ ва маънои истилоҳоти интернетӣ» (дар асоси маводҳои забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ) ба омӯзиш ва таҳқиқи истилоҳоти интернетӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ бахшида шудааст. Зарурати омӯзиш ва таҳқиқи истилоҳоти мазкур яке аз масъалаҳои муҳими истилоҳшиносӣ ба ҳисоб меравад. Истилоҳоти интернетиро метавон як қабати лексикаи соҳавию касбии компютерӣ номид, зеро дар он сленг ва истилоҳоти нармафзору сахтафзор хеле зиёд ба чашм мерасанд. Аз ҷиҳати аҳаммият ва таъсираш ба рушди тамаддуни ҷаҳонӣ ва пешрафти илму техника, интернет дар даврони муосир барои муосиргардонии муносибатҳои гуногун дар ҷаҳон мавқеи хосаро ишғол кардааст.

Таҳқиқи анҷомдодаи унвонҷӯ аз ҷиҳати илмӣ арзишманд буда, аввалин маротиба истилоҳоти интернетӣ дар маводҳои забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ, ки то ҳол дар забоншиносии тоҷик чун як шохаи муҳимми илми забоншиносӣ – истилоҳоти интернетӣ мавриди таҳқиқи монографӣ қарор нагирифтааст, баррасӣ менамояд. Дар диссертатсия мавзуе мавриди таҳқиқ қарор дода шудааст, ки ба рушди забоншиносӣ, хосатан ба бахши истилоҳшиносии он, ғанигардонии таркиби луғавии забони тоҷикӣ таъсири мусбат расонида метавонад. Таҳқиқи мазкур, дар баробари он ки таркиби луғавии забони тоҷикиро ғанӣ мегардонад, ҳамчунин, заминаи мусоидро барои шинохти истилоҳ ва истилоҳофаринӣ ва масъалаҳои дигари забоншиносӣ фароҳам оварда метавонад.

Бо рушду такоммули шабакаҳои интернетӣ истилоҳот низ дар равнақ мебошад ва масъалаи омӯзиши ин гуна истилоҳот мушкилоту муаммоҳои

ҷудогонаро ба вуҷуд меорад. Рисолаи номзадии Шайдуллои Ҳоҷӣ дар мавзуи «Таҳлили сохторӣ ва маъноии истилоҳоти интернетӣ» (дар асоси маводҳои забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ) маҳз барои равшанӣ андохтан ба омӯзиш ва таҳқиқи истилоҳоти интернетӣ дар муқоисаи забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ ихтисос дода шудааст.

Боби якум «Истилоҳоти интернетӣ ҳамчун система дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ» ном дошта, дар ин боб роҷеъ ба талаботи чигунагии истилоҳ, таърихи пайдоиш ва тараққиёти шабакаи интернет ва рушди давраҳои истилоҳоти интернетӣ сухан рафтааст. Пажуҳишгар дар бораи рушди рӯзафзуни техникаву технологияҳои нав, зарурати омӯзиш ва пажуҳиши бахшҳои мухталифи илм, омӯзиши истилоҳ ва истилоҳофаринӣ дар забоншиносии тоҷик, фарқияти истилоҳ аз калима ё вожаҳои одии забон, аввалин мошини ҳисоббарори ҳақиқӣ ва заминаҳои назарии забоншиносии интернетӣ маълумот додааст. Боби якуми диссертатсия аз чор фасл иборат аст. Дар ин боб ҷанбаҳои назарии истилоҳот ва лексикаи соҳавӣ дар забоншиносии муосир, интернет: таърих ва ташаккули низоми истилоҳоти он, заминаҳои назариявии забоншиносии интернетӣ ва таснифоти мавзуии истилоҳоти интернетӣ дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ мавриди омӯзиш қарор гирифтааст.

Боби дуюми диссертатсия «Вижагиҳои сохтории истилоҳоти интернетӣ» ном дошта, дар он, асосан, истилоҳоти интернетӣ аз нигоҳи сохторӣ шарҳу тафсир ва таҳқиқу баррасӣ гардидаанд. Дар фаслҳои боби дуюм муаллиф роҳҳои ташакулёбии истилоҳоти интернетӣ, хусусиятҳои сохторӣ, сода, сохта, мураккаб ва таркибӣ будани истилоҳоти интернетӣ ва ихтисораҳои истилоҳоти интернетиро таҳлил ва баррасӣ намудааст.

Боби сеюми диссертатсия «Хусусиятҳои маъноии истилоҳоти интернетӣ» ном дошта, аз панҷ фасл иборат мебошад. Боби мазкур марбут ба хусусиятҳои маъноии истилоҳоти интернетӣ буда, дар он сермаъношавии истилоҳоти интернетӣ, хусусиятҳои синонимии

истилоҳоти интернетӣ, омонимия дар истилоҳоти интернетӣ, хусусиятҳои антонимии истилоҳоти интернетӣ ва хусусиятҳои маҷозии истилоҳоти интернетӣ зери таҳлил қарор дода шудаанд.

Диссертатсия ба талаботи банди 31-33-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад. Диссертатсия аз тарафи муаллиф мустақилона навишта шуда, дорои мазмун ва мантиқи ягонаи дохилӣ мебошад. Натиҷа ва нуктаҳои илмии барои ҳимоя пешниҳодшуда саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро нишон медиҳанд. Мавзуъ ва мазмуни таҳқиқи диссертатсионӣ бо шиносномаи ихтисоси 10.02.20 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ мувофиқ мебошад.

Натиҷаҳои асосӣ, хулосаҳои таҳқиқ ва тавсияҳои муаллиф дар 6 мақола, ки аз онҳо 3 мақола дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2 мақола дар маводи конференсияҳои байналмилалӣ ва 1 мақола дар маводи конференсияи ҷумҳуриявӣ ба табъ расидаанд, инъикос ёфта, бо мазмун ва мавзуи диссертатсия бевосита алоқаманд мебошанд. Автореферати диссертатсия ва мақолаҳои нашркардаи унвонҷӯ фарогири мазмуну муҳтавои диссертатсия мебошанд. Мақолаҳои илмии интишорёфтаи муаллиф ва теъдоди маводи чопшуда ба талаботи бандҳои 34 ва 35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ мувофиқат менамоянд.

Дар диссертатсияи Шайдуллои Ҳоҷӣ истифодаи мавод бидуни ишора ба муаллиф ё маъхаз ба назар намерасад. Ин аз риоя шудани банди 37-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ гувоҳӣ медиҳад.

Дар хулосаи диссертатсия дастовардҳои таҳкик ва моҳияти масъалаҳои меҳварӣ зикр ёфта, дурнамои мавзуи кори диссертатсионӣ таъйин шудааст. Аҳамияти таҳқиқ, навгониҳои илмии диссертатсия ва арзиши амалии онро ба назар гирифта, комиссияи экспертӣ ба чунин хулоса омад, ки диссертатсияи номзадии Шайдуллои Ҳоҷӣ дар мавзуи

«Таҳлили сохторӣ ва маъноии истилоҳоти интернетӣ» (дар асоси маводҳои забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ) кори таҳқиқии анҷомёфта буда, ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошад ва онро барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10. 02. 20 - Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ ба ҳимоя пешниҳод кардан мумкин аст.

Комиссияи экспертӣ дар асоси банди 60-и Тартиб додани дараҷаҳои илмӣ пешниҳод менамояд:

1. Диссертатсияи номзадии Шайдуллои Ҳоҷӣ дар мавзуи «Таҳлили сохторӣ ва маъноии истилоҳоти интернетӣ» (дар асоси маводҳои забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ) барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10. 02. 20 - Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ дар ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D.КОА-021-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон тариқи овоздиҳии ошкоро ба ҳимоя қабул карда шавад.

2. Комиссияи экспертӣ муҳаққиқони зеринро, ки корҳои илмӣ-таҳқиқиашон ба ихтисоси 10. 02. 20 - Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ мувофиқат доранд, ба ҳайси муқарризони расмӣ пешниҳод менамояд:

- **Ҷамшедов Парвонахон** – доктори илми филология, профессори кафедраи забонҳои хориҷии Академияи миллии илмхои Ҷумхурии Тоҷикистон;

-**Соҳибназарова Ҳавасмо Тиллоевна** – номзади илми филология, дотсенти кафедраи забоншиносии муқоисавӣ ва назарияи тарҷумаи ДБЗХТ ба номи Сотим Улуғзода

3. Ба сифати муассисаи пешбар **Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ** пешниҳод мешавад.

4. Барои гузоштани эълони ҳимоя, матни диссертатсия ва автореферати он дар сомонаҳои Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад.

5. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис ва ирсол гардидани он ба суроғаҳои таъйиншуда иҷозат дода шавад.

**Раиси комиссияи экспертӣ:**
доктори илми филология, профессор,
аъзои шурои диссертатсионӣ Саидзода Ҳ.А.

**Аъзои комиссияи экспертӣ:**
доктори илми филология, профессор,
аъзои шурои диссертатсионӣ Ҷаматов С.

доктори илми филология, профессор,
аъзои шурои диссертатсионӣ Нағзибекова М.Б.

«20» июни соли 2023.